**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Насриддинзода Э.С.______________
аз «__30__»___01___соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна зимни омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ ба ҳисоб мерафт.

Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна аз соли 2006 то соли 2011 дар шуъбаи рӯзонаи факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи барномаи мутахассис таҳсил намуда, онро дар соли 2011 бо дипломи аъло хатм намудааст.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 31.01.2015 таҳти №50-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 25.10.2022, №121 бо супоридани имтиҳонҳои номзадӣ хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои илмӣ-методии кафедра аз 01.07.2021 таҳти №13, дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назирӣ Латофат Қаҳор – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28.01.2026 таҳти №6/1 муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон дотсентон Ахмедова М.С., ва Худойқулова Қ.Ҷ., баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" чунин қарор қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар

доираи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи “Такмили низоми таълими муттасили касбӣ” омода ва иҷро гардидааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаи илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 адад мақолаҳои илмӣ, ки муҳтавояшон дар рисолаи диссертатсионии мазкур инъикос ёфтааст, нашр шудаанд, ки аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиккунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои арзишҳои илмӣ ва амалӣ буда, хулоса ва натиҷаҳои зимни таҳқиқот бадастомада, метавонанд барои такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан забони англисӣ мусоидат намоянд. Нуқтаҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ манзуршуда, метавонанд ба тақвияти барномаҳои таълимӣ-омӯзишӣ, китобҳои дарсӣ саҳмгузор бошад. Инчунин натиҷаҳои рисола метавонад, ҳамчун маводи таълимӣ-омӯзишӣ дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилотӣ ворид карда шуда, мавриди истифода қарор гирад. Роҳҳо ва такмили рушди салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯён, ки дар диссертатсия оварда шудааст, метавонад дар низоми таҳсилоти касбӣ заминаро барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар самти таҳсилот ва педагогика, инчунин ҳангоми

навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода шаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мубрам ба ҳисоб рафта, барои рушди илм аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки он аввалин рисолаи муккамал оид ба масъалагузории илмӣ, мавриди таҳлил қарор додани асосҳои амаливу назариявӣ ва заминаҳои меъёрию ҳуқуқии омӯзиш ва такмили забони англисиро барои ихтисосҳои ғайризабонӣ, инчунин истифода намудани воситаҳои муосири омӯзиш ва такмили забономӯзӣ мебошад.

Диссертант мустақилона таҳлили васеи роҳҳои ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ғайризабониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои бадастоварда пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати беҳтар намудани заминаҳои меъёрии омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан забони англисӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти забонӣ ва мутобиқ намудани онҳоро ба Стандарти давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, накшаҳои корӣ ва мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсиро таҳия ва пешниҳод намудааст.

**Нуктаҳои асосии диссертатсия**, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аз ҷумла:

1. Татбиқи барномаҳои таълимии забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли мушкилот дар

шароити муносибати фардии донишҷӯ ҷиҳати дуруст роҳандозӣ намудани ташкил ва мустаҳкамкунии маводи забони таълимӣ мусоидат намуда, барои азхуд намудани ҳаҷми маълумоти зарурӣ, инкишофи тарзи худидоракунӣ ва корбурди самараноки принсипҳои дидактикии таълим мусоидат мекунад.

2. Муносибати босалоҳият ва маърифатию коммуникативӣ ҳангоми таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ихтисосҳои ғайризабонӣ мувофиқи талаботи педагогикаи бахши таълими забони хориҷӣ таҳия карда шавад. Дар он вижагиҳо ва асолати фанни забони англисӣ дар машғулиятҳои фанни ва таҳияи маводи дарсӣ дар асоси таҷрибаи муосири педагогӣ, яъне бо истифода аз технологияи муосири педагогӣ пешбинӣ шудааст.

3. Дар қисмати истифода намудани технологияи замонавӣ, таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ихтисосҳои зерин: "муносибатҳои байналмилалӣ", "иқтисодиёти ҷаҳонӣ", "дорусозӣ" (фарматсевтӣ) – ташаккули муносибати босалоҳият ва маърифатию коммуникативӣ хеле аҳаммиятнок ҳисобида мешавад.

4. Шартҳои татбиқи технологияҳои муосири методикаи таълими забони англисӣ дар муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳад, ки муносибати эҷодкорӣ ва ҳадафноки донишҷӯёни ихтисоси ғайризабонӣ нисбат ба таҳсил ташаккул дода шавад. Ҳамчунин, фаъолияти омӯзгор ба самти рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ва дарки созандагиву эҷодкории онҳо равона карда шавад. Нуктаи охир имкон медиҳад, ки самтҳои асосии раванди таълим мусаллам гашта, мундариҷаи таълим, ҳаҷм ва сифати маводи забони омӯзишӣ такмил ёфта, паҳлуҳои муҳимму устувори интегративӣ ва робитаҳои байнисоҳавӣ муайян карда шаванд. Бар замми ин муҳити мусоиди касбиву забондонии фаъолияти донишҷӯён дар пояи технологияҳои муосир ташкил карда шавад.

Диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи "Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои таҳлили амиқи мавзуъ, адабиёти илмии педагогӣ, санадҳои танзимкунандаи соҳаи маориф асоснок карда шудаанд, ки онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ дар маҷмуъ 11 адад мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Бобохонова, Х.З. Интернет ресурсы – эффективное средство повышения мотивации студентов к изучению иностранного языка. [Текст] /

Х.З. Бобохонова // Вестник Таджикского национального университета: серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2016. – №3/5 (208). – С.155-157 – ISSN 2074-1847

[2-М]. Бобохонова, Х.З. К вопросу о грамматических ошибках в английском языке студентов высших учебных заведений и причинах их возникновения [Текст] / Х.З. Бобохонова // Вестник Таджикского национального университета: серия гуманитарных наук. – 2016. – № 3/7 (214). – С. 201-206. ISSN 2074-1847

[3-М]. Бобохонова Х.З. Особенности внедрения дидактических принципов на занятиях иностранного языка [Текст] / Х.З. Бобохонова // Вестник Таджикского национального университета: серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2017. – № 3/1– С. 205-209. ISSN 2074-1847

[4-М]. Бобохонова, Х.З. Лингводидактические особенности рационализация обучения иностранному языку студентов обучающихся специальности «международные отношения» в Республике Таджикистан [Текст] / Х.З. Бобохонова // Вестник Таджикского национального университета: серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2017. – № 3/2– С. 194-197. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Бобохонова, Ҳ.З. Баъзе аз масъалаҳои ҷомеапазирии касбии муаллим [Матн] / Х.З. Бобохонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – № 4 – С. 289-291. ISSN 2074-1847.

[6-М]. Бобохонова, Х.З. Хусусиятҳои ҷорӣ намудани принсипҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ [Матн] / Х.З. Бобохонова, Саидзода Х., Назирова Л. // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2023. – № 4 – С. 289-291. ISSN 2616-5260

[7-М]. Бобохонова, Ҳ.З. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён аз фанни забони англисӣ [Матн] / Х.З. Бобохонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 5 – С. 268-271– ISSN 2074-1847

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[8-М]. Бобохонова, Ҳ.З. Усулҳои ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ [Матн] / Ҳ.З. Бобохонова, // Интихоби касб – интихоби муҳимми ҳаёти инсон (Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Интихоби касб, инноватсия ва рақамикунонии таҳсилот: вазъият ва дурнамо” 18-уми марти соли 2026). – Душанбе. – 2026. – С. 99-106.

[9-М]. Бобохонова, Ҳ.З. Ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ) Матн] / Ҳ.З. Бобохонова, // Масоили мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар шароити муосир. Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе: Садои қалб, 2025) – С. 251-260.

[10-М] Бобохонова, Х.З. Коммуникативные навыки по английскому языку в условиях инновационных технологий: анализ интеллектуального потенциала и мотивации студентов [Текст] / Ҳ.З. Бобохонова, // Лингвистика без гарниц: язык в глобальном пространстве. Материалы международной научно-теоретической конференции. – Душанбе: ТНУ, 2026. – С. 62-66.

[11-М] Бобохонова, Ҳ.З. Китобхона ҳамчун ниҳоди муваффақи электронӣ. [Матн] / Ҳ.З. Бобохонова, Қ. Худойқулова // Фишурдаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Фарҳанги иттилоотии шахс: ташаккул ва инкишофи он». (маҷмуаи илмӣ) (19-20 октябри соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 64-69.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна аз ҷониби кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Бобохонова Ҳалимахон Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” таҳқиқоти илмӣ, таърихӣ ва назариявӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Бобохонова Ҳалима Зиёратшоевна дар мавзуи “Ташаккули асосҳои лингводидактикии салоҳиятҳои маърифатию коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони англисӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) барои ҳимоя дар Шурои 6Д. КОА-113-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 28-уми январи соли 2026, №6/1 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамагӣ 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Миралиизода А.М.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра — Валиева С.М.

Имзои Миралиизода А.М. ва Валиева С.М-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

«28» 01 2026с.